# Маълумотнома оиди баҳрабаранда Олимов Қудратулло – ЛТСК ВМҶТ

Олимов Қудратулло сокини деҳаи Айни, ҷамоати Ҳаллеварди ноҳияи Ҷ.Балхӣ солҳо боз дар интизори пайдо кардани сармоягузорӣ барои рушди занбӯрпарварӣ ва истеҳсоли асали табиии аз ҷиҳати экологӣ тоза буд. Ниҳоят



бахт омад карду дар бораи ЛТСК аз рӯзномаи ноҳиявӣ маълумот пайдо кард. Баъди аз Лоиҳаи тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ огоҳӣ пайдо кардан, фавран ба Агентии рушд-ТҶ “Агросервис Консалтинг” бо дархост барои ҳамкорӣ муроҷиат намуд. Кормандони ин ташкилот имкониятҳои ӯро омӯхта, барои сохтани нақшаи тиҷоратӣ кумак расонида, инчунин ӯро то мақомоти дахлдори давлатӣ ва институтҳои молиявии маҳаллӣ хамроҳӣ карданд. Дар натиҷа соҳибкори мазкур аз грантҳои ҳиссавии Лоиҳаи “Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ- Маблағгузории иловагӣ” тариқи ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” бархурдор гашт. Номбурда дар ҳудуди замини наздиҳавлигии худ қитъаи занбури асалпарварӣ бунёд кардааст. Хароҷоти умумии ташкили ин фаъолият 66740 - сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 30000-сомонӣ ҳамчун қарзи имтёзнок ва 30000-сомонӣ ҳамчун грант ба ӯ пешниҳод шудааст. Саҳми худи соҳибкор 6740-сомониро ташкил мелиҳад. Қобили қайд аст, ки баъди маблағгузорӣ шудани зерлоиҳа, яъне аз аввалҳои моҳи октябри соли 2020 соҳибкори навмашқ дарҳол ба хариди оилаҳои занбури асал ва тайёр намудани қуттиҳои занбӯр оғоз намуд ва аллакай дар моҳи апрел-май ҳамон сол онро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Дар моҳҳои маи -июни соли равон аз оилаҳои занбӯр зиёда аз 150 кг асали хушсифат бо нархи 80-90 сомонӣ ба мардум пешниҳод намуда, зиёда аз 13000-сомонӣ даромад гирифтааст. Айни ҳол оилаҳои занбӯри ӯ сол то сол афзоиш ёфта, даромади бештар ба даст меорад. Номбурда боварӣ дорад, ки бо ин роҳ ҳам рӯзии аҳли оиларо таъмин намуда ва ҳам ҳиссаи қарзи бонкиро дар вақташ бармегардонад. Ҳоло ӯ ҳамчун соҳибкори мустақил кору фаъолият карда, аз бахти баланди хеш ва кӯмаку дастгириҳои Ҳукумати кишвар ва Бонки Ҷаҳонӣ меболад. Дастгирӣ ёфтани чунин ҷавони чаққону меҳнатдӯст намунаи ибрат ва дастгирии соҳибкорони навмашқ мебошад.



